## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) пешниҳод шудаст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муҳим ва камтаҳқиқшудаи назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ – Субъекти махсуси ҷиноят бахшида шудааст. Бояд гуфт, ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ масъалаи мазкур ҳануз мубрам аст, зеро таҳқиқоти маҷмуӣ дар ин самт ба анҷом расонида нашуда, субъекти махсуси ҷиноят яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Зимни таҳқиқи ҳар як намуди ҷиноят ба масъалаи субъекти умумии ҷиноят таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, вале масъалаи субъекти махсус аз мавриди назар дур мемонад. Бинобар ин, докторант тамоми ҷанбаҳои илмию амалии субъекти махсуси ҷиноятро таҳқику баррасӣ намудааст. Маврид ба тазаккур аст, ки хулоса ва тавсияҳои муҳаққиқ дорои аҳамияти муҳими илмию амалӣ буда, дар такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар мусоидат менамоянд.

Мубрамии мавзӯъ бештар дар инҳо ифода мегардад:

– хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба масъалаи субъекти махсуси ҷиноят ва бандубасти ҷиноят истифода карда мешаванд;

– хулосаҳо ва нуқтаҳои илмии диссертатсия метавонанд дар таҳияи адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, тафсири қонунгузории ҷиноятӣ ба таври васеъ истифода карда шаванд;

– натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ҷиноятӣ гарданд;

– дар таҷрибаи судӣ ҷиҳати бо тартиби дуруст бандубаст кардани ҷиноятҳои дорои субъекти махсус, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва

ҳуқуқтатбиқсозии судҳо ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқот метавонанд истифода гарданд.

Мубрамияти рисолаи мазкур, инчунин дар он зоҳир мегардад, ки то кунун аз ҷониби олимони ватанӣ ҳамчун мавзуи таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Паҳлуҳои алоҳидаи мавзуи мазкур аз ҷониби муҳаққиқони зерин: Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, А.А. Абдурашидов, У.А. Азиззода, Н.Б. Азимзода, З.Х. Зокирзода, З.А. Камолов, Ф.А. Мирзоахмедов, Э.Б. Миралиев, М.М. Муллоев, А.Қ. Назаров, О.Э. Раҳмонова ва дигарон таҳқиқ гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи илмии Сайдализода О.И., боз дар он зоҳир мегардад, ки зиёда аз 40 фоизи меъёрҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ ба масъалаи субъекти махсус бахшида шудааст.

Сарфи назар аз шумораи зиёди маҳфумҳои дар Кодекси ҷиноятии ҶТ мавҷудбуда, ки ҷавобгариро барои содир кардани ҷиноят аз ҷониби субъекти махсус пешбинӣ мекунанд, ҳам дар назарияи қонуни ҷиноятӣ ва ҳам дар амалия баҳсҳо ба миён меоянд. Ин масъала аз он сабаб мураккаб шудааст, ки дар айни замон таърифи ҳуқуқии ин мафҳум вуҷуд надорад.

Бо дарназардошти муҳимияти масъалаи болозикр, инчунин рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҷой надоштани худи мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят, камбудиҳо дар самти банду басти дурусти ҷиноятҳое, ки аз ҷониби субъектони махсус содир мешаванд, дида мешаванд, ки дар рисолаи илмии мазкур мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор дода шудааст.

Дар умум, ин омилҳо аз мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳанд

Докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом соли 2015 ба ихтисоси ҳуқуқшиноси умумии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2019 бо дипломи аъло хатм намудааст. Бо мақсади идомаи таҳсил соли 2021 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи зикршуда аз рӯйи ихтисои фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дохил шуда, онро соли 2021 сарбаландона бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2021 бошад дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300–

Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) таҳсили худро идома дода, соли 2024 докторантураро аз рӯйи ихтисоси мазкур хатм намудааст. Айни ҳол ба ҳайси сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус дар Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии "Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон кор ва фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Сайдализода Орзу Илҳом аз муқаддима се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия ба **"Мафҳум ва моҳияти субъекти ҷиноят"** бахшида шуда, дар он масъалаи мафҳум субъекти ҷиноят аз нигоҳи назариявӣ таҳлил гардида, аломатҳои он баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, дар боби мазкур масъалаи робитаи субъекти ҷиноят бо дигар унсурҳои таркиби ҷиноят – объекти ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят, тарафи субъективии ҷиноят ва ҳамзамон бо субъекти махсуси ҷиноят мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Таҳқиқбаранда қайд намудааст, ки субъекти ҷиноят шахси мукаллафе мебошад, ки қасдан ё аз беэҳтиётӣ, кирдори барои ҷамъият хавфнок содир намуда, ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расидааст ва дар баъзе ҳолатҳо дорои аломатҳои махсуси пешбининамудаи меъёрҳои қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. Мафҳуми субъекти ҷиноят набояд бо мафҳуми шахсияти ҷинояткор омехта карда шавад. Ин мафҳумҳо ба шахсе дахл доранд, ки ҷиноят содир кардааст, вале аз ҷиҳати моҳият фарқ мекунад. Субъекти ҷиноят танҳо бо аломатҳои умумӣ ва махсуси дар боло зикршуда тавсиф мешавад. Мавҷуд набудани субъекти ҷиноят маънои мавҷуд набудани таркиби ҷиноят ва аз ин рӯ имконнопазирии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси содирнамудаи ҷиноятро дорад.

Муҳаққиқ таркиби ҷиноятро ҳамчун як низоми муайян ва мутамарказе баррасӣ кардааст, ки ҳамаи унсурҳо ва аломатҳои он ба ҳам зич алоқаманд буда, дар пайвастагӣ, ки дар ягонагии худ маҷмуи муттаҳид ва ҷудонашавандаро ташкил медиҳанд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ **“Таърихи пайдоиш, мафҳум ва намудҳои субъекти махсуси ҷиноят”**-ро фаро гирифта, дар он масъалаҳои таърихи пайдоиш ва инкишофи субъекти махсуси ҷиноят, мафҳум ва моҳияти субъекти махсуси ҷиноят ва таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф иброз менамояд, ки масъалаҳои таърихию ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистонро омӯхта, ба муҳимтарин ёдгориҳои ҳуқуқии низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, инчунин сарчашмаҳои сершумори ҳуқуқии Тоҷикистони таърихӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳ намуда, масъалаи субъекти махсуси ҷиноятро таҳқиқ намудааст, ки барои илми ҳуқуқшиносии муосир яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, аҳамият ва арзиши сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки марҳилаҳои муайяни рушди Тоҷикистонро тавсиф намуда, институти субъекти махсуси ҷиноятро танзим менамуданд, дар айни замон мубрамияти худро гум накардаанд.

Ба андешаи муаллиф, мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят аз ҷумлаи масъалаҳое мебошад, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, дар ҳуқуқтатбиқсозӣ таъсири калон мерасонад. Бинобар ин, танзими онро аз нигоҳи қонунгузорӣ муҳим шумоਰидааст. Кодекси ҷиноятии ҶТ ягона сарчашмаи ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаи мазкур мебошад, вале мутаассифона, мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дар Қисми умумии санади мазкур муқаррар нагардидааст. Дар қонунгузории ҷиноятии як қатор кишварҳо мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят муқаррар гардидааст. Масалан, КҶ Украина ва КҶ Қирғизистон. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки муқаррароти мазкур дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ низ муқаррар карда шаванд.

Таҳқиқоти муаллиф нишон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятии кишвар дар Қисми умумӣ оид ба аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят ишора накардааст ва таснифоти онҳо дар илми ҳуқуқи ҷиноятии кишвар ҳанӯз

таҳқиқоти васеъро мехоҳанд. Бинобар сабаби васеъ будани аломатҳои иловагии субъекти махсуси ҷиноят, онҳоро дар моддаи 22 КҶ ҶТ дохил кардан ғайриимкон мебошад, вале дар меъёр метавон омилҳои таснифи аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят (шаҳрвандӣ, демографӣ, мавқеи мансабӣ ва ғ.)-ро ишора кард.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ **“Ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсуси ҷиноят”**-ро фаро гирифта, дар он масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсус, ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсус мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Масъалаи баҳодиҳии ҷиноятҳоро бо субъекти махсус муҳаққиқ хеле васеъ шуморида, изҳор доштааст, ки дар институтҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ – шарикӣ, фаъолияти ҷиноятии нотамом, рақобати меъёрҳо зоҳир мегардад. Таваҷҷуҳ ба институти шарикӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки таълимот дар бораи субъекти махсус аз проблемаи шарикии шахсон дар ҷиноятҳо бо субъекти махсус инкишоф меёбад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтааст.

Хулоса, диссертатсияи Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби расмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2024, № 493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи

ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** д. и. ҳ., профессор,
сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии
Институти фалсафа,сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон **Шарипов Т.Ш.**

«03» феврали 2025 с.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 19
**Тел:** (+992) 918-40-86-00
**E-mail:** takdirshoh@mail.ru

Имзои Шарипов Т.Ш.,-ро тасдиқ менамоям.
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа,сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон **Абдураҳмонзода Б.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
**Тел:** (+992) 372-21-56-89
**E-mail:** ifppanrt@gmail.com

«03» феврали 2025 с.